# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик). – Душанбе, 2025. – 191 с.**

Насри муосири тоҷик аз ҷиҳати фаро гирифтани масъалаҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо хусусиятҳои ба худ хос инкишофу таҳаввул ёфт. Бешубҳа, суннатҳои адабиёти гузашта, таҷрибаи адабиёти замони шуравӣ, адабиёти ҳамзабонон ва адабиёти ҷаҳонӣ дар эҷодиёти адибони тоҷик тозакориҳоро ба вуҷуд овард. Бинобар ин, омӯзиши эҷодиёти нависандагони ҷудогона имкон медиҳад, ки на танҳо раванди ташаккули насри нави тоҷик, балки тозакориҳою ташаккули ҷараёнҳои адабӣ муайян гардад. Ҳамчунин, таҳқиқи ҳунари нависандагӣ, тарзи истифодаи воситаҳои адабию ҳунарӣ, тариқи сохтани банду басти насри бадеӣ, нигориши воқеа аз зовияи диди нависанда, маҳорату сабк, рушд ва такомули ҳунари нигориши нависандаро дар насри нави тоҷик мушаххас менамояд.

Ӯрун Кӯҳзод, бешак, аз адибони номдор ва маҳбубу маъруфи адабиёти нимаи дувуми садаи XX ва XX1-и тоҷик аст, ки бо завқи баланд тарзи хоси нигориши худро ба вуҷуд овардааст. Асарҳои ӯ бо ғановати маънӣ дар пояи ифодаҳои образолуд ба афкори хонанда таъсир мерасонанд. Дар асарҳои адиб воқеият ва бадеият таҷзияи хос меёбанд ва дар асоси он назари таҳлиливу тавзеҳии муаллиф неру пайдо менамояд. Дилбастагиву дилкашолии муаллифони осори адабӣ гувоҳи онанд, ки онҳо симои қаҳрамони худро маҳз дар ин партав ҷило бахшида метавонанд. Ӯрун Кӯҳзод дар нишон додани симои ботинии қаҳрамони худ шитоб надорад. Ӯро бештар падидаҳои мусбату манфии муҳиту фазои замонҳо мутаваҷҷеҳ менамоянд. Дар баробари ҳунари баланди нигориш, саҳнасозиҳоро дар осори бадеӣ бидуни ташреҳу баҳогузориҳои муаллиф низ тасаввур кардан душвор аст. Ин дидгоҳҳои адибро ҷаҳонбиниҳо, фаросату олами донишҳо, маҳорати офарандагӣ ва дарки муҳит ба таври маҷмуӣ комил гардонидаанд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи **«Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)»** аз ҷумлаи яке аз аввалин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки дар он назари донишмандон доир ба нарратология ва таҳлили нарратологии романи Ӯрун Кӯҳзод – «Ҳайҷо» ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, зимнан ҳунари нависандагии вай дар заминаи романи «Ҳайҷо» баррасӣ ва мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Бар асоси ин метавон гуфт, ки матраҳ шудани масъалаҳои мазкур **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

Дар бандҳои 9-10-уми **шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик** пажӯҳиши мабҳасҳое тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи осори нависандагон, ва масоили марбут ба мавзую мухтаво, сохтор, сабки баён, анъанаю навоварӣ ва вижагиҳои навиштаҳои онҳо иртибот мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи такризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии **шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик** комилан **мувофиқат менамояд.**

**Навгонии илмии диссертатсияи** довталаби дараҷаи илмӣ дар он арзёбӣ мегардад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ таҳлили нарратологии романи тоҷик баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили пайдоиш, ташаккул ва вазъи имрӯзаи таҳлилҳои нарратологӣ, навгониҳои падидомада дар ин самт, назария ва равишҳои нарратология, бахусус ба таҳлили нарратологии романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Дар баробари ин, дар диссертатсия равиши нав ва қобили таваҷҷуҳи таҳлили асари бадеӣ муаррифӣ шудааст, ки қобили татбиқ ба осори мансури адабиёти миллӣ мебошад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешавад, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои таҳқиқоти равишманди назариву амалиро дар адабиётшиносии миллӣ дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** бо он асос меёбад, ки натиҷаҳои илмии диссертатсияи мазкур дар дараҷаи муайян дар такмили баъзе масъалаҳои назарии нарратология замина мегузорад. Усулу равишҳои таҳлили нарратологӣ, ки дар диссертатсия муаррифӣ гардидааст, дар таҳқиқоти мунаққидон, назарияпардозон ва муҳаққиқон, бахусус дар самти татбиқи усулҳои нави накди адабӣ ва назарияи адабиёт бисёр муфид аст. Дар диссертатсия як равиши бисёр муфассали таҳлил муаррифӣ шудааст ва ҳар фасли таҳқиқро ҳамчун меъёри ҷудогонаи шинохти матни бадеӣ ба ҳисоб гирифтан мумкин аст.

Унвонҷӯ барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 7 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя

пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи ҳунари нигорандагии Ӯрун Кӯҳзод дар романи «Ҳайҷо», забони асар, тарзи ироаи матлаб, хусусиятҳои сабкӣ ва наҳвии роман ва дар маҷмуъ, нуфузи типи тозаи насри бадеӣ аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, 15 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Асосҳои нарратология ҳамчун назарияи муосири таҳлили матн»** аз шаш фасл фароҳам омадааст. Дар **фасли аввали боби якум – «Матни бадеӣ аз дидгоҳи нарратология»** диссертант ба масъалаи шинохти матни бадеӣ аз дидгоҳи нарратология пардохтааст. Дар ин фасл муҳимтарин шохисаҳое, ки як матни бадеӣ ҳатман бояд дошта бошад, муаррифӣ карда мешаванд. Зимнан, раванди ба вуҷуд омадани матн ё асари бадеӣ аз дидгоҳи нарратология нишон дода шуда, нақши калидии «рӯйдод» дар ин ҷараён қайд гардидааст.

**Фасли дуюми боби аввал «Равишҳои асосии таҳлили нарратологӣ»**-ро дар бар гирифтааст. Унвонҷӯ барҷастатарин назарияҳоро, ки дар ташаккули нарратология нақш доштаанд, тибқи тартиби марҳилаи таҳаввул мавриди баррасӣ қарор дода, шаш гурӯҳи назарияҳои адабиро ҳамчун сарчашмаи мустақими нарратология нишон додааст. Ҳамчунин муайян кардааст, ки дар ҳоли ҳозир назарияҳои нарратологӣ ба ду шоха тақсим шуда, ҳар самт равишҳои мутафовити худро дорост ва дар диссертатсия ба равиши таҳлили ҷараёни дувум, ки ҳамчун нарратологияи муосир машҳур аст, бештар такя мешавад.

Дар **фасли сеюми боби аввал** ҷанбаи муҳимми адабиёт, робитаи байни нависанда ва хонанда матраҳ гардидааст. Дар ин фасл диссертант ба пешинаҳои назарии шаклгирии хусусиятҳои мухталифи нависанда, барқароршавии муколамаи байни ӯ ва хонанда, ҷойгоҳи нависанда ва хонанда дар сохтори бадеӣ ва амсоли ин таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

**Фасли чоруми боби аввал** бошад, шарҳи назарияи В. Шмидро дар бораи ровӣ ва мухотаб дар бар гирифтааст. Дар ин фасл хусусиятҳои ровӣ, навъи зуҳураш дар матни бадеӣ, ҳамхонии он бо мухотаби мавриди назар ва мабоҳиси амсоли ин баррасӣ карда мешаванд.

Дар **фасли панҷуми боби аввал «Назарияҳои дидгоҳ»** мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Гуфта мешавад, ки ҳар матни бадеӣ дорои ду маркази тафаккурзо мебошад, яке нарратор (ровӣ), дувумӣ персонаж (қаҳрамон ё қаҳрамонони асар). Ин ду марказ ё қутб дар муқобили ҳам қарор гирифта, низоми тақобули дугонаро дар панҷ ҳавзаи дидгоҳ ба вуҷуд овардаанд, ки назарияи В. Шмид вуҷудашро тасбит кардааст.

**Фасли шашуми боби аввал «Назарияи Ж. Женетт дар хусуси маърифати замон»** номгузорӣ шудааст, ки манзури диссертант дар ин фасл баррасии ҷиҳати назарии назми замонӣ дар матни бадеӣ мебошад. Дар ин фасл таносуб ва ихтилофи байни замони воқеӣ ва замони бадеие, ки дар асар ҷараён дорад, мавриди таҳлил қарор мегирад. Дар зимни пардохтан ба тафсилоти мабҳас, истилоҳоти махсуси ин бахш ба таври муфассал шарҳу баст ёфтааст. Падидаи қолиби «ҳиҷрати нарративӣ» низ дар канори мабҳаси хурдсохтор ва бузургсохтори асари бадеӣ дар ҳамин фасл баррасӣ мешавад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар **боби дуюми** диссертатсия, ки **«Таҳлили нарратологии романи «Ҳайҷо»** унвон дорад, ба таҳлили бевоситаи асар пардохта, **фасли аввалро** ба масъалаи **«Ҷойгоҳи нависанда дар роман»** ихтисос додааст. Дар ин фасл танҳо мавқеи шахсияти воқеии нависандаи мутааййин, яъне Ӯрун Кӯҳзод, мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷойгоҳи марказӣ ва ҳузури фаъолаш дар асар нишон дода шудааст. **Зерфасли фасли аввали боби ду** ба **«Хусусиятҳои нависандаи таҷридӣ»** мепардозад. Қобили қайд аст, ки Ӯрун Кӯҳзод ноқили қиссагӯест, ки дар пешниҳоди матлаб ва фаро гирифтани оҳанги замони худ муваффақ гардидааст: «... нависандаи таҷридии «Ҳайҷо» шахсест фарҳангӣ ва огоҳ аз таъриху адабиёти миллати худ, чун бомуваффақият моводи адабиву таърихиро ба кор гирифта, асарашро дар беҳтарин шакли мумкин дар доираи тавоноиҳояш иншо кардааст. Шахсест мутафаккир ва мушоҳидакор, чун аз дидани мушкилоти миллати худ ба танг омада ба навиштани асаре калонҳаҷм иқдом намудааст» [диссертатсия, с. 74].

**Фасли дуюми боби ду** вижагиҳои **«Робитаи байни нависанда ва хонандаи роман»**-ро ба таҳлил мекашад ва зерфасли он ба **«Хусусиятҳои хонандаи таҷридӣ»** ихтисос дода шудааст. Дар ин бахш диссертант ба чунин хулоса омадааст, ки хонандаи таҷридӣ дар баробари нависандаи таҷридӣ қарор мегирад ва ҳамчун мухотаби таҳлилгару нозири ҳаводис дар назар гирифта мешавад.

**Фасли сеюм «Хусусиятҳои барҷастаи нарратор дар роман»** унвон дорад. Дар ин фасл диссертант ҳузури ровиро дар роман баррасӣ намуда, ба чунин натиҷа расидааст, ки дар романи «Ҳайҷо» шахсияти нарратор бештар дар оҳанги гуфтори тамасхуромези ӯ нисбати рафтору аъмоли персонажҳо дида мешавад. Дар зимн, хусусиятҳои нарратор мушаххас ва истинбот

шудаанд, ки иборатанд аз фароинсон будан, нопайдову ғайридиегетикӣ будан ва шахсиятнок будани ӯ.

**Фасли чоруми боби дуюм** таҳти унвони **«Вижагиҳои истифода аз дидгоҳҳои мухталиф дар роман»** манзур гардида, аз панҷ зерфасл иборат мебошад. Ҳар зерфасл ба яке аз ҳавзаҳои дидгоҳ мабут буда, адам ё ҳузури онҳоро дар роман ба таври муфассал ба таҳлил кашидааст. **Зерфасли якуми фасли чоруми боби ду «Дидгоҳи мудрик (персептивӣ)»** мебошад. Муайян шудааст, ки дар ин ҳавзаи дидгоҳ дар «Ҳайҷо» дидгоҳи ҳоким нарратормадор аст ва дар он навъи дарку қабулиёти нарратор бештар инъикос ёфтааст. **Зерфасли дуюми фасли чоруми боби ду «Дидгоҳи арзишгузор (идеологӣ)»** унвон шуда, дар асар ҳукми ғолиб доштани дидгоҳи нарратормадор қайд гардидааст. Аммо дидгоҳи арзишгузори персонажмадор низ баъзан ба назар мерасад. **Зерфасли сеюми фасли чоруми боби ду «Дидгоҳи маконӣ (фазоӣ)»** буда, масъалаи қароргоҳи ҷуғрофиёии соҳиби дидгоҳро баррасӣ мекунад. Дар «Ҳайҷо» ҳам дидгоҳи маконии нарратормадор ва ҳам персонажмадор ба мушоҳида мерасанд, ки ин табиист. **Зерфасли чоруми фасли чоруми боби ду «Дидгоҳи замонӣ»** унвон шудааст. Дар ин ҳавза низ дидгоҳи нарратормадор бештар аз дидгоҳи персонажмадор аст. Сабаби ин ҳолатро диссертант дар лаҳзаӣ ва камфаъол будани персонажҳои «Ҳайҷо» медонад. Унвони **зерфасли панҷуми фасли чоруми боби ду «Дидгоҳи забонӣ»** мебошад, ки ба хусусиятҳои сабкии ироаи матлаб дар асар мепардозад. Дар ин фасл наҳваи баёни нарратор ва персонажҳои роман ба таҳлил кашида шудаанд.

**Боби сеюм – «Сохтори замонии романи «Ҳайҷо» ва хусусиятҳои асосии он»** аз панҷ фасл иборат мебошад. **Фасли аввали боби сеюм «Хатти замонии роиҷ дар роман»** номгузорӣ шудааст, ки ба андешаи диссертант дар сатҳи бузургсохтори «Ҳайҷо» ду хатти замонӣ дар канори ҳам шакл мегиранд ва пеш мераванд. Дар натиҷа, шаш ҷузъи замониро ба вуҷуд меоранд, ки ҳар кадом аз онҳо дар сатҳи хурдсохтор ба ҷузъҳои зиёди дигар ҷудо шуда, дар якҷоягӣ сохтори замонии кулли асарро шакл медиҳанд. **Фасли дувуми боби се** ба таҳлили сохтори замонии роман бахшида шуда, **«Ноҳамоҳангиҳо дар хатти замонӣ»** ном гирифтааст. Дар ин фасл падидаҳое мисли аналепсис ва пролепсис дар «Ҳайҷо» ошкор ва таҳлил карда шудааст. **Фасли сеюми боби се** бошад **«Масъалаи эллипсис дар сужет»** мебошад, ки дисертант аввал ба шарҳи «эллипсис» пардохта, қайд намудааст, ки дар «Ҳайҷо» бештар эллипсиси огоҳона истифода шудааст. Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур унвонҷӯ ба чунин натиҷа расидааст, ки нависанда ғайри хоҳиши худ ҷиҳатҳои мавриди назарашро дар хислати персонаж барҷаста намуда, ба самтҳои дигари шахсияти ӯ эътирофи кофӣ надодааст. **Фасли чоруми боби сеюм «Масъалаи паралипсис дар матни асар»** буда, падидаи мазкур ба таври муфассал таҳлил

гардидааст. Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар **фасли панҷуми боби сеюм – «Ҳиҷрати нарративӣ ва навъҳои он»** масъалаи такроршавии унсурҳои гуногунро дар «Ҳайҷо» ва осори дигари Ӯрун Кӯҳзод мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз таҳлилҳои диссертант метавон чунин натиҷабардорӣ кард, ки ҷойгоҳи замон, хусусиятҳои сохтори замонии матн ва падидаҳои гуногуне, ки дар ин мабҳас таҳлил карда мешаванд, ниҳоят муфид буда, барои расидан ба умқи тафаккури нависанда ва арзишгузорӣ ба ҳунари офаринандагии ӯ кӯмак мекунанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 8 банд фароҳам омадааст ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия ва автореферати Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ба хотири пешрафти корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъдаи довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанде аз онҳоро зарур медонем:

1. Дар диссертатсия таносуби бобҳо то як андоза риоя нагардидааст. Барои мисол, боби аввал 42 саҳифа, боби дуюм 81 саҳифа ва боби сеюм бошад, 29 саҳифаро дар бар гирифтааст.

2. Гоҳе ҳадафи ҷумлаҳо норавшан аст ва ғалатҳои услубӣ дида мешаванд. Чунончи, дар боби дуюми диссертатсия омадааст: «Ҳангоми баррасии бузургсохтори «Ҳайҷо» ҷо-ҷо бо ноҳамоҳангии сужет ва адами диққат дар танзими қисматҳои асар мешавад бархӯрд» (диссертатсия, с. 70).

3. Дар диссертатсия рӯйхати адабиёти истифодашуда таҷдиди назар мехоҳад. Зеро, дар рӯйхати адабиёти овардашуда тартиби хронологии адабиёт дар мисоли таълифоти Ҷ. Бақозода, М. Имомов, Ш. Солеҳов, А. Набавӣ, Х. Шарифов ва М. Шукуров риоя нагардидааст.

4. Дар матни диссертатсия ҳолатҳои афтидан ва изофа шудани ҳарфҳо, ғалатҳои имлоӣ ва гуногуннависӣ (Ӯрун Кӯҳзод – Кӯҳзод, Ӯ. Кӯҳзод; Жерар Женетт – Ж. Женетт, Женетт; М. Имомзода – М. Имомов) ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд (диссертатсия, с. 4, 5, 7, 11, 29, 56, 61, 121, 156,).

Қайду эродҳои мазкур арзиши илмии диссертатсия ва аҳаммияти онро дар илми адабиётшиносӣ коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар ба баррасии мавзуи муҳимми адабиётшиносии тоҷик ихтисос ёфта, ҳадаф ва вазифаҳои дар меҳвари пажӯҳиш ҷойгирифта дар сатҳи баланди илмӣ ҳаллу фасл шудаанд. Муҳтавои

диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва берун аз он ба чоп расидаанд, мувофиқат дорад.

Диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D020500 – Филология, ходими калони
илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Каримова Ҳ.Қ.
«05» сентябри соли 2025.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский 70/2,
хонаи 615
Тел.: (+992) 906-55-56-63
E-mail: karimova.hilola.1996@gmail.com

Имзои Каримова Ҳилола Қодиралиевнаро
тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.М.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com
«05» сентябри соли 2025.